# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Солҳои охир бо дарназардошти рушди иқтисодиёт, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва инкишофи бахши хусусӣ дар мамлакат таваҷҷуҳ ба падидаю соҳаҳои алоҳида нигаронида шуда, дар ин замина унсурҳои нав бо доштани механизми усулҳои ба худ хос дар қонунгузорӣ ба вуҷуд омада истодааст. Кафолати рушди иқтисодиёт ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамзамон таъмини бехатарии моликияти хусусӣ дар қонуни асосӣ – Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шуда, минбаъд дар заминаи он дар дигар қонунҳои соҳавӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Кафолати таъмини барқароршавии ҳуқуқҳои вайронгардидаи субъектони ҳуқуқи маданӣ дар шароити имрӯза бо роҳу усулҳои гуногун истифода карда, истифодаи шартномаҳои кафолатнок низ дар қонунгузорӣ кафолат дода шудааст.

Мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар асоси шартномаи эскроу амонатгузор бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди шахси дигар (бенефитсиар), молу мулкро ба агенти эскроу амонат мегузорад ва агент уҳдадорӣ мегирад ин молу мулкро нигоҳубин намуда, ҳангоми ба вуҷуд омадани шартҳои шартнома онро ба бенефитсиар супорад.

Шартномаи эскроу табиати шаффофнокӣ, саҳеҳият, таъмини барқароршавии ҳуқуқи вайронгардида ва пешгирӣ аз хатари вайроншавии ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро дошта, бо ин мақсад на танҳо субъектҳои хоҷагидор, балки мақомоти давлатӣ низ шартномаҳои мазкурро ба имзо мерасонад.

Шартномаи мазкур бо мақсади таъмини шаффофият ва самаранокии тақсимоти маблағҳои аз ҳисоби фурӯши неруи барқ бадастоянда баста шуда, он имкон медиҳад субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини неруи барқ, ба воситаи кушодани суратҳисоби эскроу маблағҳои аз фурӯши неруи барқ бадастояндаро тибқи тартиби муқарраршуда тақсим намояд.

Ҳарчанд тайи солҳои охир дар қонунгузорӣ муқаррарот вобаста ба шартномаи эскроу пешбинӣ шуда бошад ҳам, рӯз аз рӯз бо пеш рафтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди бахши хусусӣ зарурати

такмил додани онҳо ба миён омада, номукаммалии меъёрҳо, мавҷуд будани ихтилофотҳо ва монанди инҳо ба амалисозии шартномаи мазкур монеагӣ намуда истодаанд.

Дар робита ба гуфтаҳои болозикр ва мавҷуд набудани таҳқиқоти мукаммали илмӣ вобаста ба шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом додани таҳлили илмии масъалаи мазкур мубрам мебошад.

Асадуллозода Абдулазиз Асадулло соли 2016 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Пас аз хатми Донишгоҳ номбурда барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2022 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Аз соли 2022 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба имрӯз фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии мазкур аз муқаддима, 3 боб 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз тарафи муаллиф масъалаҳо вобаста ба падидаи эскроу ва шартномаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шуда, мақсади он ба муайяннамоии мафҳуму моҳияти шартномаи эскроу, таносуби он бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бо давлатҳои хориҷӣ, мавзуъ ва объекти шартномаи мазкур, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва асосҳои қатъ гардидану ҷавобгарии тарафҳои ин шартнома равона карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** бо унвони «Тавсифи умумии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахши муҳимми кор буда, муаллиф дар он муайян намудани мафҳум ва моҳияти шартномаи эскроу тибқи қонунгузории ҶТ, таҳлил намудан ва ошкор кардани таносуби шартномаи эскроу аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, ва гузаронидани таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои ошкор намудани навгониҳо дар ин самт таҳлили муфассалро анҷом додааст. Дар ин бахш ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии шартномаи эскроу ҳамчун падидаи

ҳуқуқи маданӣ ва зарурати он дар низоми ҳуқуқии кишвар таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар оғози боб муаллиф мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи эскроуро ошкор намуда, нақши онро дар заминаи ҳуқуқии муосир таъкид мекунад.

Шартномаро дар аксарияти мавридҳо тарафҳо ихтиёран, комилан, бошуурона ва масъулиятнок байни худ баста иҷро мекунанд. Дар боби мазкур масъалаҳо вобаста ба падидаи эскроу, шартномаи эскроу таҳлил намудан ва ошкор кардани таносуби шартномаи эскроу аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, ва гузаронидани таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои ошкор намудани навгониҳо ва таҳлили ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия бо унвони «Унсурҳои шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст. Дар ин боб таснифи амиқи таҳқиқи мавзуи шартнома эскроу ва хусусиятҳои амонатгузории шартӣ, муайян намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроуро дар бар мегирад.

Ба андешаи муаллиф дар замони муосир шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамчун механизми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар аксарияти муомилоти ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ истифода гардида, бо мақсади қонеъ намудани талаботу манфиат ва бартараф кардани эҳтиёҷоти субъектони ҳуқуқи маданӣ истифода карда мешавад.

**Боби сеюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Асосҳои қатъ гардидани шартномаи эскроу ва ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои он» унвон дорад. Ин бахш бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмию қонунгузорӣ муайян намудани асосҳои қатъгардӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу ба таври муфассал таҳлил карда мешаванд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати

диссертатсия (карори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзозода П.З.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 907405550

Имзои Мирзозода П.З. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
«20.» 02 соли 2026 Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj,
сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj